Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 июни соли 2006 № 227
тасдиқ шудааст

# НАҚШАИ МИЛЛИИ ФАЪОЛИЯТ ОИД БА ИСЛОҲОТИ СОҲАИ ТАҲСИЛОТ ВА ТАЪЛИМИ ИБТИДОИИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2006-2015

РӮЙХАТИ ИХТИСОРҲО

| | |
|---|---|
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| МТ | Муассисаҳои таълимӣ |
| НТ | Нақшаи таълим |
| НТТЯ | Нақшаи таълимии такягоҳии ягона |
| НМФ | Нақшаи миллии фаъолият |
| СДТ | Стандарти давлатии таҳсилот |
| ТТИК | Таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ |
| ТИК | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ |
| ШМ | Шӯрои миллӣ |
| ВА | Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВАД Ч Т | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВИС | Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВК | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМ | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМО | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМҲИА | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВН | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВС | Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВТ | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВФ | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВЭ | Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КДСМ | Кумитаи давлатии сохтмон ва меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КТР | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| ИҶк | Иттиҳодияҳои ҷамъиятии корфармоён |
| ФИКТ | Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон |
| СТАЧГ | Сирояти тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда |
| ТҲС | Тарзи ҳаёти солим |

## Пешгуфтор

Нақшаи миллии фаъолият оид ба ислоҳоти соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 (минбаъд- НМФ) ҷиҳати иҷрои банди 25 Нақшаи чорабиниҳо оид ба супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Рахмонов аз 22 декабри соли 2005, ки дар маҷлиси машваратӣ доир ба вазъи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд (аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 январи соли 2006 тасдиқ шудааст) ва талаботи Консепсияи давлатии ислоҳоти соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2004, №387 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст. Нақшаи миллии мазкур асоси сиёсат ва стратегияи давлатии фаъолияти барномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (ТТИК) мебошад (Карор аз 30.06.2007 № 369).

Зарурати қабули ҳуҷҷати мазкури барномавии комплексии миёнамӯҳлат ва мақсаднок аз таъиноти иҷтимоиву иқтисодии системаи ТТИК ва аҳамияти ҷамъиятиву давлатии он дар марҳилаи имрӯзаи инкишофи ҷомеа бармеояд. Таҷрибаи аксари давлатҳо нишон медиҳад, ки системаи хуб амалкунандаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ қисмати муҳими рушди иқтисодӣ, пойдории иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ мебошад. Ба ибораи дигар, дар шароити муосири иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳангоми зуд-зуд ивазшавии мундариҷаи технологияҳои истеҳсолот, мулоҳизаи зерин боз ҳам равшантар мегардад: «нерӯи малакаҳои касбии шаҳрвандон боигарии бебаҳои мамлакат мебошад» (Карор аз 30.06.2007 № 369).

Зиёда аз ин, дар марҳилаи имрӯзаи инкишофи ҷомеа, дар шароити талаботи бозори мехнат, афзоиши бекорӣ, вазъи иҷтимоӣ ва имкониятҳои маҳдуди иқтисодии қисмати асосии аҳолӣ ТТИК ба яке аз омилҳои муҳими паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ мубаддал мегардад. Дар шароити ба табакаҳо ҷудошавии аҳолӣ, паст шудани сатҳи баҳамрасии минтақаҳо ва дастрасии таҳсилоти олии касбӣ ба табақаҳои камбизоат моҳияти иҷтимоии ТТИК боз ҳам меафзояд. Аз ин лиҳоз, чуноне ки дар Консепсияи давлатии ислоҳоти системаи ТТИК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, «зарур аст, ки системаи ТИК ҳамчун яке аз афзалиятҳои миллӣ эътироф карда шавад, ки бунёди иқтисодиёти рақобатпазир ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро таъмин мекунад».

Мақсади асосии НМФ аз бунёди шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, методӣ ва илмӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти босамар ва инкишофи системаи ТТИК барои манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат, баланд бардоштани сифат ва самаранокии иҷтимоии онҳо иборат мебошад.

## I. Ҳолати кунунӣ, тамоюли рушд ва проблемаҳои системаи ТТИК

Таҳсилоти ибтидоии касбӣ (ТИК) ҳамчун зинаи аввали таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои касбии таҳсилотӣ ва

таълимиро, ки ба тайёр намудани коргарони ихтисосманди соҳиби диплому сертификати сатҳҳои гуногун (коргарону хизматчиён), инчунин звенои миёна равона гардидааст аз рӯи ҳамаи самтҳои асосии фаъолияти муфиди ҷамъиятӣ амалӣ мегардонад.

Айни замон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти ибтидоии касбӣ», мақсади асосии системаи ТИК таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасии умуми таҳсилоти ибтидоии касбӣ, эҳтимол таҳсилоти миёнаи касбӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии таҳсилоти сатҳҳои дахлдор, бо дарназардошти ҳолат ва тамоюлоти инкишофи бозори меҳнат иборат мебошад.

Мактаби ибтидоии касбӣ дарёфти таҳсилоти ба қадри кофӣ дастрасро, ки ба тарбияи мутахассисони звеноҳои ибтидоӣ, эҳтимол миёна нигаронида шудааст аз рӯи зиёда аз 90 касб таъмин менамояд, ки он боиси натанҳо соҳибкасб шудан, балки боиси баланд шудани сатҳи таҳсилотиву фарҳангии шахсият ва инчунин қимати таҳсилоти умумии ин сатҳи таҳсилот мегардад.

Айни замон, дар Тоҷикистон 71 муассисаи давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ (литсейҳои касбӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ) ва зиёда аз 10 марказҳои таълимӣ, ки барномаҳои таҳсилоти ва таълими ибтидоӣ ва миёнаи касбиро амалӣ мегардонанд, фаъолият менамоянд. Теъдоди донишҷӯён зиёда аз 30 ҳазор нафарро ташкил дода, раванди таълимро қариб 2,7 ҳазор нафар омӯзгорон ва устоҳои таълими истехсолии штатӣ ва соатбайъ таъмин менамоянд. Мақоми давлатии идораи соҳаи ТТИК Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соҳаи ТТИК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 10 соли охири карни гузашта асосан дар холати худнигахдори карор дошт. Вале бо кабули Стандарти давлатии таълимии маълумоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 2002 №419 тасдиқ шудааст), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти ибтидоии касбӣ» (№21 аз 22 апрели соли 2003) ва Консепсияи давлатии ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2004 № 387 тасдиқ шудааст) феълан давраи нави эҳёи соҳа ва эътирофи аҳамияти иқтисодиву иҷтимоии он оғоз ёфт.

Зиёда аз ин, агар маблағгузории давлатии системаи ТИК дар давраи солҳои 1991-1996 ҳаҷман мунтазам кам шуда бошад ҳам, пас дар соли 2005 он нисбат ба соли 2001 ба 3,5 баробар ва нисбат ба соли 1996 бошад, ба 3,8 баробар афзудааст. Аз соли 2002 инҷониб ҷараёни инкишофи тарбияи мутахассисон дар муассисаҳои ТИК бо афзудани теъдоди қабули хонандагон тавсиф мегардад. Теъдоди муассисаҳои таълимие, ки шаклу соҳаҳои мухталифи касбӣ доранд, зиёд гаштанд. Муассисаҳои таълимӣ доираи хизматрасониҳои худро васеътар менамоянд, онҳо серсоҳа, гуногунсатҳу серфаъолият мегарданд, ки ин

бештар дар фаъолияти муассисаҳои таълимии шакли нав - литсейҳои касбӣ ба назар мерасад.

Технологияи омӯзиши модулӣ, ҳамчун яке аз усулҳои самараноки таълим ҳам барои ҷавонон ва ҳам барои калонсолон, мунтазам мавқеи худро мустаҳкам намуда, ҳарчӣ бештар паҳн мегардад. Таи ду соли охир Маркази таълими модулии шаҳри Душанбе филиалҳои худро дар ноҳияи Рашт ва шаҳри Кӯлоб кушод.

Хусусияти идораи давлатию ҷамъиятии таҳсилоти ибтидоии касбӣ мунтазам инкишоф меёбад; холо дар ҷумҳурӣ се шӯрои минтақавии директорони муассисаҳои таълимии ТИК фаъолона амал мекунанд.

Робитаи соҳаи ТТИК бо талаботи бозори меҳнат ботадриҷ эҳё мегардад. Бо афзудани сармоягузорӣ ва эҳёи соҳаҳои истеҳсолии иқтисодиёт талабот ба хизматрасониҳои таҳсилотии системаи ТТИК доир ба тарбияи кадрҳои коргарии соҳибихтисос мунтазам зиёд мешавад. Дар робита ба ин, барои ҳар чӣ зудтар омода намудани муассисаҳои таълимии ТИК ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои коргарӣ барои сохтмонҳои азими кишвар, нерӯгоҳҳои обию барқии «Роғун» «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», заводи алюминий ва корхонаи коркарди нафт вақтҳои охир (январ-феврали соли 2005) якчанд Нусхаҳо аз протоколҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№2 аз 29.01.2005, банди 13, 14, № 3 аз 28.02.2005, банди 8 ) содир гардиданд.

Ҳамзамон фаъолият ва инкишофи системаи ТТИК бо як қатор масъалаҳои ҳалталаб ҳамбастагии зич дорад, ки он ҳам аз шароитҳои беруна ва ҳам аз хусусиятҳои дохилии марҳилаи муосири фаъолияти системаи таҳсилот алоқаманд мебошад.

Системаи имрӯзаи ТТИК- и Тоҷикистон аз системае боқӣ мондааст, ки ҳанӯз солҳои 50- уми асри XX барои иқтисодиёти нақшавӣ таҳия шуда буд. То ин дам дар ин система роҳу равиши хоси даврони шуравӣ ба мушоҳида мерасад, ки онҳо дар натиҷаи таҳаввулоти куллӣ хилофи талаботи имрӯзаи бозори меҳнат мебошанд.

Ҳолати кунунии системаи ТТИК-и мамлакат асосан бо заминаи таълимии аз ҷиҳати моддиву технологӣ фарсуда, номутобиқатии мазмуни таҳсилот ба талаботи бозори меҳнат, нерӯи сусти кадрӣ, ташкили номукаммали ҷараёни таълим ва идораи ғайрисамараноки ҷараёни тайёр кардани кадрҳои коргарии соҳибихтисос тавсиф карда мешавад.

Вазъиятро боз барномаҳо ва маводи таълимии ҳанӯз аввали солҳои 80-уми асри гузашта таҳия шуда, ки ҳоло онҳо ҳам аз ҷиҳати педагогӣ ва ҳам аз ҷиҳати технологӣ маводи мутлақо кӯҳнашуда мебошанд, вазнинтар мегардонанд. Набудани намунаҳои нави китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимӣ боиси пастравии таъминоти раванди таълим, имконнопазирии дар муассисаҳои таълимӣ кушодани ихтисосҳои нав, ҷорӣ намудани технология ва усулҳои нави таълим мегардад. Нақшаҳои таълимии такягоҳии ягона (НТТЯ) аз рӯи ҳар як касби Стандарти давлатии таълимии ТИК-и Тоҷикистон, ки таъмини нақшаҳои

таълимиро хаддалимкон ба стандартҳои таҳсилоти байналмилалӣ ва талаботи бозори меҳнат наздик намоянд, таҳия нашудаанд.

Тайёр кардани кадрҳои коргарии соҳибкасб аз бисёр омилҳои муҳим вобаста аст, ки яке аз онҳо мувофиқи соҳаҳои муайяни таълими касбию истеҳсолӣ таъмин намудани чараёни таълим бо кадрҳои касбию педагогии дорои таҳсилоти олӣ мебошад. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки сатҳи тахассусии ҳайати кадрии соҳаи ТТИК ба ҳалли масъалаҳои дар назди он истода мувофиқат намекунад.

Таълими касбии пешниҳодшаванда дар бисёр мавридҳо аз инфраструктураи мавҷуда, махсусан аз имкониятҳои худи муассисаҳои таълимӣ ва барномаҳои аз давраҳои пеш меросмонда вобаста мемонад. Бинобар ин, он асосан барномаҳоеро дар бар мегирад, ки касбҳои аз рӯи он таълим дода шаванда дар бозори имрӯзаи меҳнат талабот надоранд. Барномаҳои таълимӣ сербор ва мӯҳлати тайёр ва азнавтайёркунии кадрҳо бесамар мебошанд. Зиёда аз он, дар шароите, ки ҳанӯз механизмҳои муайянкунандаи дурнамои рушди иқтисодиёт дар бахши тайёр кардани кадрҳо тахия нашудаанд, ташаккули сохтори соҳавии тарбияи кадрҳои коргарии звеноҳои ибтидоӣ ва миёна ниҳоят душвор мебошад.

Гусаста гардидани робитаҳои анъанавии муассисахои таълимӣ бо корфармоён, таъсири сусти ҷамъиятҳои касбӣ ба рушди системаи таҳсилотӣ, ҳамкории нокифояи мақомоти идораҳои таҳсилотӣ бо хадамоти минтақавии шуғли аҳолӣ мутобиқ намудани мазмуну сохтори таҳсилотро ба талаботи иқтисодиёту соҳаи иҷтимоӣ, ташкили тайёрии амалии донишҷӯён, бо кор таъминкунии хатмкунандагонро мушкилтар мегардонад.

Заминаи моддӣ, ки ханӯз охири солҳои 80-ум дар холати вазнин қарор дошт, имрӯз тамоман таназзул ёфтааст. Ғайр аз ин, дар рафти низои шаҳрвандии солҳои 90-ум чандин муассисаҳои таълимии касбӣ, устохонаҳо ва хобгоҳҳои хонандагон харобу валангор шуданд. Биноҳои аксарияти муассисаҳои таълимӣ ба азнавҷиҳозонӣ ва таъмири асосӣ ниёз доранд. Маҳдудияти қувваи барқ низ сифати таълими касбиро паст мегардонад.

Дар мамлакат манбаъҳои зарурӣ барои модернизатсия, азнавсозӣ ва таҳкими заминаи моддию техникии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ниҳоят маҳдуд буда, ҷамъиятҳои байналмилалии донорӣ то ҳанӯз ба соҳаи мазкур камтар таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд. Ҳарчанд аз соли 1997 сар карда, маблағгузорӣ барои таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ зиёд шуда бошад ҳам, то ҳол ба сатҳи соли 1991 нарасидааст ва танҳо талаботи зуруртаринро соҳаро таъмин менамояд. Қобили зикр аст, ки маблағгузории давлатӣ ба ҳисоби фоиз аз ММД дар давраи солҳои 1991-1996 ҳаҷман ба 32,5 баробар кам шудааст. Аз соли 1997 сар карда, ин нишондиҳанда дар сатҳи 0,09 фоиз нигоҳ дошта мешавад ва тақрибан 6,9 фоизи чунин нишондиҳандаи соли 1991-ро ташкил медиҳад.

Маҳдудияти назарраси маблағгузории буҷетӣ, қисман маблағгузории фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ба фаъолияти

мӯътадили онҳо хатари ҷиддӣ пеш меоварад. Маоши пасти кормандони муассисаҳои таълимии системаи ТИК ҷаззобии ин системаро барои кадрҳои нисбатан ҷавони ояндадор паст мекунад. Дастгирии иҷтимоии хонандагон ва кормандони муассисаҳои таълимӣ низ беҳбудро мехоҳад.

Системаи тарбияи ахлоқӣ ва шаҳрвандии хонандагон дар муассисаҳои таълимии соҳаи ТИК такомули хеле ҷиддиро тақозо менамояд.

Механизми босамар ва сохтори ягонаи идораи соҳаи ТТИК, таъмини сифатнокии таҳсилот ва системаи назорати фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, ки метавонанд сифати зарурии тарбияи мутахасисонро таъмин намоянд, вуҷуд надоранд. Сохтори миллии тахассусӣ, ки муттасилии сатҳҳои таҳсилот ва Стандарти ягонаи сифати сатҳҳои тахассусиро таъмин менамояд, ташаккул наёфтааст.

Аз ин рӯ, тамоми қисматҳои асосии системаи ТТИК баислоҳоти куллӣ ва рушди бетаъхир эҳтиёҷ доранд.

## II. Самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи ТТИК

Тавре ки дар Консепсияи давлатии ислоҳоти соҳаи ТТИК муқаррар гардидааст, мақсади асосии ислоҳоти соҳаи мазкур бунёд ва таъмини устувории механизми нисбатан беҳтар ва оқилонаи тайёр кардани кадрҳои коргарии соҳибихтисос ва таълими касбии калонсолон мувофиқи сохтор ва мундариҷаи талаботи бозори мехнат мебошад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад ва бо дарназардошти ҳолати кунунии қисматҳои асосии системаи ТТИК-и Тоҷикистон самтҳои зерини афзалиятноки НМФ барои давраҳои кӯтоҳмуддат (солҳои 2006-2010) ва миёнамӯҳлат (солҳои 2011-2015) муайян карда мешаванд:

- мундариҷаи таҳсилот ва ташкили раванди таълим;
- сохтори касбию тахассусии тайёр кардани кадрҳои коргарӣ;
- асосҳои таълимию методӣ ва илмии рушди соҳа;
- заминаи моддию техникӣ ва таълимию истеҳсолии рушди соҳа;
- таъмини кадрии рушди соҳа;
- таҳсилоти касбии калонсолон;
- инкишофи муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ ва шарикии иҷтимоӣ
- идораи босамари соҳа, таъмин ва назорати сифати таҳсилот;
- дастгирии иҷтимоиву иқтисодии таълимгирандагон ва кормандони соҳа;
- ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ;
- заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии рушди соҳа.

1. Мундариҷаи таҳсилот ва ташкили раванди таълим

Вазъи ҷорӣ

Мундариҷаи таҳсилот яке аз қисматҳои асосии рушди соҳа мебошад, ки аз он маҳсули ниҳоии соҳа - сатҳи маҳорату малакаҳои касбии хатмкунандагони он ва мувофиқати онҳо ба талаботи бозори меҳнат иртиботи новобаста дорад. Мундариҷаи таҳсилот, ки дар

нақшаву барномаҳои таълимӣ инъикос мегардад, бояд иборат аз курсҳои таълимие бошад, ки натиҷаҳои раванди таълимро ҳаддалимкон ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй гардонанд. Дар шароити маҳдудияти имкониятҳои иқтисодии мамлакат, дар марҳилаи кунунии инкишофи он таъмини босамарии иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати раванди таълим низ яке аз масъалаҳои асосии ислоҳоти соҳаи ТТИК ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон дар мамлакат бозори меҳнат сифатан тағйир ёфта, инкишофи мунтазами бахши хусусӣ ба мушоҳида мерасад ва таваҷҷӯҳи корфармоён ба сифати касбии кадрҳои коргарӣ бештар мегардад.

Аммо мундариҷаи имрӯзаи таҳсилот дар 20 соли охир қариб тағйир наёфтааст ва ба шароитҳои бозори меҳнат низ мутобиқ гардонида нашудааст. Он аз ҷиҳати иқтисодӣ бесамар, нисбатан сербор ва нисбат ба талаботи бозори меҳнат фасеҳ намебошад. Механизми амалкунандаи ташкили ҷараёни таълим бо аз ҷиҳати иқтисодӣ ноокилона, надоштани фишангҳои босамари идора ва назорати худ тавсиф мегардад.

Дар иртибот ба ин, мундариҷаи таҳсилот ва ташкили раванди таълим бояд аз мавқеи баланд бардоштани самаранокии иқтисодии он, таъмини фасеҳӣ ва ҳаддалимкон наздик намудан ба талаботи сифатии бозори меҳнат бо дарназардошти имкониятҳои иқтисодии мамлакат таҳти таҷдиди назар қарор гирад.

Вазифаҳои асосӣ:

- таҳияи нақша ва барномаҳои таълимии касбии бисёрзинавии сифатан нав, ки ба дархости шахсият, талаботи бозори меҳнат, дурнамои рушди иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоии мамлакат мувофиқанд;

- тағйир додани сохтори мундариҷаи тайёр кардани кадрҳо ва сифатан нав кардани он бо дарназардошти гузариш ба таҳсилоти пешрав, ки инкишофи нерӯи шахсию касбии кадрҳои коргарӣ ва харакатпазирии онҳоро таъмин менамояд;

- таъмини аз ҷиҳати иқтисодӣ босамари ҷараёни таълим, идораи оқилона ва назорати теъдодии он;

- такмили раванди тарбия, фароҳам овардани шароит барои инкишофи мутаносиб ва амалигардонии фаъолияти эҷодии шахс аз мавқеи арзишҳои байналмилалӣ, анъанаҳои миллӣ, ватанпарастӣ ва хизмат ба Ватан.

Стратегияи 1. Таъмини ҳамбастагии мундариҷаи таҳсилот бо эҳтиёҷоти сифатии бозори меҳнат.

Чорабиниҳои асосӣ:

- гузаронидани тадқиқоти мунтазам оид ба ошкор намудани эҳтиёҷоти сифатии бозори меҳнат вобаста ба сатҳу сохтори тахассусҳои кадрҳои коргарӣ ва звенои миёна;

- таҳия ва такмили мунтазами стандартҳои касбӣ аз рӯи ҳамаи намудхои касбу ихтисосҳои коргарие, ки ҳаддалимкон ба стандартҳои шабеҳи байналмилалӣ ва талаботи бозори меҳнати дохилию беруна наздик карда шудаанд. Ҷорӣ намудани системаи татбиқи озмоишии стандартҳои таълимӣ, касбӣ ва мониторинг, ки имкон медиҳад назорати

сифати тарбия таъмин ва стандарт ба талаботи ҷомеа мутобиқ гардонида шавад;

- якҷоя бо корфармоён фароҳам овардани шароит барои шарикии иҷтимоӣ дар ташаккули мундариҷаи таҳсилот;

- ташаккули сохтори тахассусии миллии соҳаи ТТИК.

Стратегияи 2. Рушди фасеҳият, тағйирпазирӣ, аёниятӣ ва хайрхоҳона будани барномаҳои таълимии касбии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисос дар системаи бисёрсатҳаи тарбияи мутахассисон.

Чорабиниҳои асосӣ:

- таҳияи НТТЯ-и гуногунзина аз рӯи ҳар як самти касбҳои Стандарти давлатии таълимии ТИК-и Тоҷикистон, ки ба стандартҳои таҳсилотии байналмилалӣ ва талаботи бозори меҳнат ҳаддалимкон наздиканд. Бо мақсади ҳарчи пурра ва босифат азхуд намудани касб дар доираи НТТЯ теъдоди соатҳои таълимии фанҳои касбӣ оқилона, бо хаддалимкон нигаҳдории босамарии мундариҷаи таҳсилот вобаста ба натиҷаи ниҳоии он, кам (шояд тавассути якҷоя намудани фанҳои наздик) карда мешавад;

- оқилона ба мундариҷаи касб наздик ва мутобик намудани мундариҷаи барномаҳои таълимии фанҳои касбӣ. Хангоми таҳияи барномаҳои таълимии фанҳои касбӣ афзалият ба таълими амалӣ дода шуда, мундариҷаи донишҳои назариявӣ ҳаддалимкон ба стандартҳои касбӣ мутаносиб карда мешаванд;

- нигаҳдории муттасилии таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо сатҳҳои дигари таҳсилот;

- ҷорӣ намудани технология ва усулҳои нави таълим (аз ҷумла технологияҳои ба шахсият нигаронидашуда, модулӣ, сермаҳсул, иттилоотӣ). Дастгирӣ ва инкишофи барнома ва технологияхои нави таҳсилоти касбӣ;

- инкишофи муҳити тарбиявӣ, таъмини тағйирпазирии системаҳои тарбия. Ҷорӣ намудани барномаҳо оид ба рушди тарзи ҳаёти солими хонандагон, пешгирии нашъамандӣ, ВИЧ-СПИД ва СТАҶГ;

- васеъ намудани мустақилияти муассисаҳои таълимӣ дар ташаккули мундариҷаи таҳсилоти касбӣ

Стратегияи 3. Таъмини самаранокии иқтисодӣ ва ташкили оқилонаи раванди таҳсилот ва сифати натиҷаҳои он.

Чорабиниҳои асосӣ:

- ҳаддалимкон кам кардани теъдоди фанҳои ҳатмии таҳсилоти умумӣ дар нақшаҳои таълимии ҳамгироишуда (ТИК бо таҳсилоти миёнаи умумӣ) дар доираи ислоҳоти таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ;

- таъмини оқилонаи таносуби хонанда, омӯзгор ва ҳаҷми сарбории ҳайати муҳандисию омӯзгорӣ;

- рушди шаклҳои таълим (рӯзона, шабона, ғоибона ва экстернат) ва ҳамбастагии фасеҳи онҳо дар ҷараёни таълим, инкишофи таҳсилоти фосилавӣ. Ҷорӣ намудани нақшаҳои таълимии ТИК бидуни

қисматҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо дарназардошт ва вобаста ба омилҳои муайяни бартаридоштаи иҷтимоӣ;

- даст кашидан аз ҷорӣ намудани нақшаҳои таълимии ҳамгироишуда (ТИК бо таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ТИК бо таҳсилоти миёнаи касбӣ) дар ҷойҳое, ки муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият дошта, соҳаи он ба соҳаи МТ ТИК мувофиқат мекунад ё наздик аст;

- беҳтар намудани ҷараёни таълими истеҳсолӣ;

- таҳия ва татбиқи механизми назорати оқилонаи ташкили ҷараёни таълим;

- зиёд намудани ваколат ва масъулияти роҳбарони муассисаҳои таълимӣ оид ба ташкили босифати ҷараёни таълим.

2. Сохтори касбию тахассусии тайёркардани кадрҳои коргарӣ

Вазъи ҷорӣ

Сохтори касбию тахассусии тайёр кардани кадрҳои коргарӣ яке аз омилҳои асосие мебошад, ки ба наздикшавии соҳаи ТТИК ба талаботи бозори меҳнат мусоидат мекунад.

Тайи 20 соли охир сохтори мазкур қариб тағйир наёфтааст. Аз ин рӯ, он ба талаботи сохтории ҳолати муосири бозори меҳнат ҷавобгӯй нест. Дар сохтори имрӯзаи касбию тахассусии тайёр кардани кадрҳои коргарӣ касбҳои соҳаи истеҳсолии иқтисодиёт афзалият доранд (қариб 80%-и хаҷми умумӣ).

Бар замми ин, ҳоло дар назди соҳа масъалаи ба рушди хоҷагиҳои фермерӣ (инкишофи агротехнология, соҳибкории хурду миёна дар сектори аграрӣ, махсусан дар соҳаҳои картошкапарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ), ба сохтмони нерӯгоҳҳои обию баркӣ ва меҳмонхонаҳо, истеҳсоли алюминий, коркарди нафт ва сангҳои қиматбаҳо, рушди саноати нассоҷӣ мутобиқ намудани сохтори касбию тахассусии тайёр кардани кадрҳои коргарӣ гузошта шудааст.

Вазифаи асосӣ - таъмини мутобиқати ҳаҷм, сохтори соҳавӣ ва ҷобаҷогузории минтақавии тайёр кардани кадрҳои коргарӣ ва мутахассисони звенои ибтидоӣ ва миёна ба дархостҳои аҳолӣ ва талаботи бозори меҳнат, динамика ва дурнамои рушди иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ, бо дарназардошти масъалаҳои маҷмӯии инкишофи минтақаҳо, тавсеаи дастрасии аҳолӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, равандҳои демографӣ.

Стратегияи 1. Таасуроти мунтазам ба талаботи сохтории бозори меҳнат.

Чорабиниҳои асосӣ:

- гузаронидани тадқиқоти мунтазам оид ба ошкор намудани талаботи сохтории бозори мехнат;

- фароҳам сохтани шароит баҳри иштироки корфармоён дар раванди муайянкунии сохтори касбию тахассусии тайёр кардани кадрҳои коргарӣ;

- ташаккул додани ҳаҷм ва сохтори соҳавии тайёр кардани кадрҳои коргарӣ мутобиқ ба эҳтиёҷоти аҳолӣ ва бозори меҳнат;

- васеъ намудани тайёр кардани мутахассисон барои истеҳсолоти дорои технологияи баланд, технологияҳои иттилоотӣ, системаҳои инфраструктураи умумидавлатӣ, соҳаи иҷтимоӣ, хизматрасонӣ; нигоҳ доштани тайёр кардани мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои нодир;

- мувофиқа намудани миқёс ва соҳаҳои сохтори тайёр кардани кадрҳои коргарӣ ва мутахассисони звенои миёна бо динамикаи рушди дигар сатҳҳои таҳсилоти касбӣ, инчунин бо анъанаҳои умумиҷаҳонии инкишофи сохтори касбию тахассусии бозори меҳнат.

Стратегияи 2. Таъмини фасеҳии сохтории хизматрасонии таҳсилотӣ.

Чорабиниҳои асосӣ:

- рушди муассисаҳои таълимии бисёрсоҳа ва бисёрфаъолият ҳамчун асоси васеъгардонии хизматрасонии таҳсилотӣ, бунёд ва инкишофи муассисаҳои бисёрсоҳавӣ ҳамчун марказҳои пешбари таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки талаботи бозори меҳнати маҳаллӣ ва минтақавиро қонеъ мегардонанд;

- рушди литсейҳои касбӣ ҳамчун муассисаи таълимии серзинаи шакли нав, ки номгӯйи васеи барномаҳои таълимиро амалӣ мегардонанд;

- ташаккул ва рушди маҷмӯаҳои таълимию истеҳсолӣ, ки баробари барномаҳои таълимии ТИК фаъолияти истеҳсолиро мутобиқи соҳаи тайёр кардани кадрҳои коргарӣ амалӣ мегардонанд;

- таҳияи сохтори нави шабакаи муассисаҳои таълимии ТИК бо назардошти тамоюлоти инкишофи минтақаҳо, ташаккули маҷмӯаҳои минтақавии таҳсилотӣ.

## 3. Асоси таълимию методӣ ва илмии рушди соҳа

Вазъи ҷорӣ

Яке аз масъалаҳои мубрами ислоҳоттаъмини таълимию методии Стандарти таълимии давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ (нақша ва барномаҳои намунавӣ, китобҳои дарсӣ, маводи методӣ ва дидактикӣ) ва таҳкими асоси илмии соҳа мебошад, ки инкишофи устувори онро таъмин менамояд.

Вазифаҳои асосӣ:

- ташаккули таъмини таълимию барномавӣ ва таълимию методии ҷараёни таълим, насли нави китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ, воситаҳои таълимӣ;

- инкишофи тадқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои муҳимтарин дар соҳаи ТТИК.

Стратегия

- таҳкими ташкилӣ ва кадрии нерӯйи таъмини илмию методии ташкили ҷараёни таълим.

Чорабинихои асосӣ:

- таҳкими ташкилӣ ва кадрии Маркази хадамоти илмию методии ТТИК;

- ташаккули барномаи мақсадноки давлатии нашри китоб барои ТТИК, инчунин истифодаи шаклҳои худтаъминкунии раванди таълимию

методӣ, ки ба маблағҳои буҷетҳои маҳаллӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, корфармоён ва ташкилотҳои байналмилалӣ равона. шудаанд;

- таҳияи китобҳои дарсии фанҳои касбӣ аз рӯйи принсипҳои дастрасии мундариҷаи китобҳо, мувофиқати онҳо ба сатҳи сифати таҳсилоти умумии миёна, наздик намудани мазмуни китобҳои дарсӣ ба стандартҳои касбӣ, ки истифодаи онро нисбат ба намудҳои гуногуни барномаҳои таълимӣ ва шаклҳои таълим, майлнокии қисми назариявиро ба масъалаҳои амалӣ оид ба касб ҳаддалимкон имконпазир мегардонад;

- рушди фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва дигар фаъолияти эҷодии омӯзгорон ва хонандагон;

- таҳияи самтҳои афзалиятноки тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи ТИК;

- пешгӯйи намудани самтҳои асосии инкишофи системаи ТИК;

- ҷорӣ намудани методологияи муосири таҳияи стандарти давлатии таҳсилот дар соҳаи ТТИК;

- таҳияи методологияи арзёбии сифати таҳсилот ва самаранокии кори муассисаҳои таҳсилотӣ, таҳияи тестҳои назорати сифати ТИК ва таъмини методии дахлдор;

- тадқиқот дар соҳаи технологияҳои педагогӣ, ки амалигардонии босамари барномаҳои ТИК-и гӯруҳҳои гуногуни таълимгирандагонро дар доираи стандарт бо параметрҳои додашудаи сифат (аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ, таълими масофавӣ ва ғайра) таъмин менамоянд.

**4. Заминаи моддию техникӣ ва таълимию истеҳсолии рушди соҳа**

Вазъи ҷорӣ

Заминаи моддию техникӣ ва таълимию истеҳсолии системаи ТИК наздик аз 80 маҷмӯи бино ва иншооти бо иқтидори лоиҳавии барои 34 ҳазор ҷойи хонандагон, 9 ҳазор ҷойи корӣ дар устохонаҳои таълимӣ ва 19 ҳазор кат дар хобгоҳ иборат аст. Қариб нисфи онҳо маҷмӯаҳои муосир, 34 фоиз типӣ ва 18 фоиз мутобиқгардонида мебошанд. Беш аз 40 фоиз ин иншоот солҳои 1940- 1960, 32 фоиз солҳои 1960 -1980 ва 28 фоиз баъди солҳои 80- уми асри гузашта сохта шудаанд. Ғайр аз ин заминаи моддию техникӣ ва таълимӣ аз 441 автомашина ва 582 тракторхои гуногунтамға, беш аз 1000 техникаи кишоварзӣ, 147 таҷҳизот оид ба коркарди чӯб, 353 таҷҳизот оид ба коркарди фулузот, 911 мошинаи дарздузӣ, 108 дастгоҳи кафшери ва дигар таҷхизоту механизмҳо, инчунин 1649 га заминҳои таълимию истеҳсолӣ иборат аст.

Натиҷаи инвентаризатсияи соли 2005 гузаронидашуда нишон дод, ки 62,8 фоиз автомашина, 57,9 фоиз тракторҳо, 49,2 фоиз мошинаҳои дарздӯзӣ, 30,6 фоиз таҷҳизоти коркарди фулузот, 29,9 фоиз таҷхизоти коркарди чӯб аз нигоҳи физикӣ фарсуда ва барқарорсозии онҳо имконнопазир мебошад.

Илова ба ин, масъалаи ба рушди хоҷагиҳои фермерӣ (инкишофи агротехнология, соҳибкории хурду миёна дар сектори аграрӣ, махсусан

дар соҳаҳои картошкапарварӣ ва занбӯри асалпаравари), ба сохтмони нерӯгоҳҳои обию баркӣ ва меҳмонхонаҳо, истеҳсоли алюминий, коркарди нафт ва сангҳои қиматбаҳо, рушди саноати нассоҷӣ мутобиқ намудани сохтори касбию тахассусии тайёр кардани кадрҳои коргарӣ бунёди заминаҳои моддию техникии таълимии навро тақозо менамояд.

Дар кишвар захираҳо барои навсозӣ, таҷдид ва таҳкими заминаи моддию техникии таҳсилоти ибтидоии касбӣ махдуданд, ҷомеаи байналмилалии маблағгузор бошад то имрӯз ба ин соҳа камтар таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Ҳарчанд аз миёнаҳои солҳои 90-ум хароҷот барои таҳсилот ва таълими касбӣ зиёд шуда бошад ҳам, сатҳи соли 1991 то ҳол дастрас нашудааст ва он метавонад танҳо талаботи ниҳоят зарурирο пӯшонад.

Вазифаи асосӣ - барқарорсозӣ, рушди заминаи моддию техникӣ ва таълимию истеҳсолии системаи ТТИК.

Стратегия - барқарорсозии марҳилавӣ, таъмини сифати заминаи моддию техникӣ ва таълимию истеҳсолии ташкили ҷараёни таълим.

Чорабиниҳои асосӣ:

- амалигардонии инвентаризатсияи пурра ва арзёбии босифати ҳолати кунунии бино ва иншоот, техникаи таълимӣ ва таҷҳизоти системаи ТТИК;
- сифатан зиёд намудани маблағгузории давлатӣ барои барқарорсозии (таъмири асосии) бино ва иншоот, техникаи таълимӣ ва таҷҳизот, харидории техникаи таълимӣ ва таҷҳизот;
- мусоидат барои ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла корфармоён, барои барқарорсозии (таъмири асосӣ) бино ва иншоот, техникаи таълимӣ, таҷҳизот, инчунин барои харидории техникаи таълимӣ ва таҷҳизот;
- таъмини соҳаи ТТИК бо техникаҳои копютерии муосир;
- таъмини рушди маҷмӯъаҳои таълимию истеҳсолӣ. Озмоиши шаклҳои гуногуни ҳамгироии МТ ТИК бо истеҳсолот;

## 5. Таъминоти кадрии рушди соҳа

Вазъи ҷорӣ

Ҳайати муҳандисию педагогии соҳаи ТТИК асоси ислоҳот ба ҳисоб меравад. Маҳз аз сатҳи тахассус ва маҳорати педагогии омӯзгорони фанҳои касбӣ ва устоҳои таълими истеҳсолӣ натиҷаи ниҳоии система иртиботи зич дорад.

Ба ҳолати 1 январи соли 2006 дар муассисаҳои таълимии ТТИК 1066 омӯзгорони штатию соатбайъ ва 1548 устоҳои таълими истеҳсолӣ фаъолият менамуданд. Дар байни омӯзгорони фанҳои махсус ва умумитехникӣ (ҳамагӣ 218 нафар), 151 нафар (69 фоиз) таҳсилоти олӣ доранд, ки аз онҳо танҳо 49 нафарашон (32,5 фоиз) дорои таҳсилоти муҳандисию педагогӣ мебошанд. Дар ҳайати омӯзгорони боқимондаи фанҳои махсус ва умумитехникӣ (67 нафар), ки ҳама таҳсилоти миёнаи махсус доранд, ҳамагӣ 19 нафар (28,4 фоиз) дорои таҳсилоти мухандисию педагогӣ мебошанд. Дар байни устоҳои таълими истеҳсолӣ 634 нафар

(41 фоиз) дорои таҳсилоти олианд, ки аз онҳо танҳо 75 нафар (11,8 фоиз) таҳсилоти муҳандисию педагогӣ, 914 нафар (59 фоиз) таҳсилоти миёнаи махсус (ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ) ва 152 нафар (9,8 фоиз) таҳсилоти миёнаи умумӣ ё олии нопурра ё миёнаи касбӣ доранд. Дар ҳайати устоҳои таълими истеҳсолӣ, ки маълумоти миёнаи касбӣ доранд, 788 нафар (86,2 фоиз) дорои маълумоти муҳандисию педагогӣ мебошанд. Дар айни ҳол 69,5 фоиз кормандони муҳандисию омузгорӣ дар системаи ТТИК 5 сол ва зиёда аз он собиқаи корӣ доранд.

Тавсифи сифатии имрӯзаи ҳайати муҳандисию педагогии системаи ТТИК, хусусан бо чунин унсурҳои асосӣ ба монанди омӯзгорони фанҳои махсус ва умумиитехникӣ ва устоҳои таълими истеҳсолӣ барои самаранок гузаронидани ислоҳот мусоидат намекунад. Ғайр аз ин, раванди тарбия ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии ҳайати муҳандисию педагогии соҳаи ТТИК ҳамчунин қотеъона таҷдиди назарро тақозо дорад.

Вазифаи асосӣ - рушди нерӯи кадрии соҳа мутобиқи талабот нисбат ба тайёр кардани кадрҳои коргарии соҳибихтисос ва мутахасисони звенои миёна.

Стратегия - ташаккули насли нави кадрҳои муҳандисию педагогии системаи ТТИК.

Чорабиниҳои асосӣ:

- Ташаккул ва рушди системаи тайёр намудан, бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки тайёр намудани кадрҳои муҳандисию омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаро барои соҳаи ТТИК, ташкили таҳсилоти иловагии педагогӣ барои омӯзгорони фанҳои махсус, бозомӯзии касбии омӯзгорони соҳаҳои гуманитарӣ, иҷтимову иқтисодӣ ва тарбияи омӯзгоронро аз рӯйи фанну ихтисосҳои нав ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар дар бар мегирад;
- аз худ намудани технологияҳои нави таълим (иттилоотӣ, модулӣ, ба шахсият нигаронидашуда ва ғайра);
- истифодаи шаклҳои нави такмили ихтисос (боргоҳҳои педагогӣ, коромӯзӣ ва ғайра);
- такмили системаи аттестатсияи кадрҳои роҳбарикунанда ва педагогӣ;
- ташаккули захираи кадрҳои роҳбарикунанда барои МТ ТИК;
- таҷдиди ҳайати омӯзгорон, ҷалби мутахассисони ҷавон ба фаъолияти омӯзгорӣ дар МТ ТИК, ҷалби кормандони дорои таҷрибаи истеҳсолӣ барои тадриси фанҳои махсус;
- таҳия ва амалигардонии барномаи мақсадноки «Кадрҳои касбию педагогии соҳаи ТТИК».

6. Хорич карда шуд (Карор аз 30.06.07с. № 369)

**6. Рушди муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ ва шарики иҷтимоӣ (Карор аз 30.06.07с. № 369)**

Вазъи ҷорӣ

Маблағгузории буҷетӣ дар солҳои 1991-1996 аз рӯи хаҷм мунтазам кам гардида, аз соли 1997 инҷониб афзоиш меёбад ва соли 2005 он 444 фоизи нишондиҳандаи соли 1997-ро ташкил дод. Бо фоиз нисбат ММД дар давраи солҳои 1991-1996 ҳаҷми маблағгузории давлатӣ 32,5 маротиба кам шуд. Аз соли 1997 инҷониб ин нишондиҳанда дар сатҳи 0,09 фоиз қарор дорад ва тақрибан 6,9 фоиз нишондиҳандаи соли 1991-ро ташкил медиҳад.

Ғайр аз ин тибқи сохтори маблағгузории давлатӣ ҳар сол зиёда аз 50 фоизи (56,3 фоиз дар соли 2005) маблағҳо барои музди меҳнат ва иҷтимоиёт ва қариб 20 фоиз (16,9 фоиз дар соли 2005) барои ташкили таоми гарми хонандагон равона карда мешавад. Маблағҳои ҷудошаванда барои таоми гарми хонандагон дар як моҳ барои як хонанда қариб 1 доллари амрикоиро (3,4 сомонӣ дар соли 2005) ташкил медиҳад. Ҳамзамон бояд зикр кард, ки хонандагони МТ ТИК стипендияи давлатӣ намегиранд.

Дар айни замон, корфармоён барои ҷараёни тарбияи кадрҳои коргарӣ амалан саҳмгузорӣ намекунанд ва барои маълумоти касбии кадрҳое, ки аз МТ ТИК соҳиб мешаванд, хароҷоти мустақимро ба _зимма надоранд. Феълан институти иҷтимоии корхонаҳои базавӣ, ки маъмулан аз ҳисоби онҳо сохтмон, таъминот бо таҷҳизот, асбобу анҷом ва мавод, таҳсил ва таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ сурат мегирифт, аз байн рафтааст. Ин на танҳо барои тарбияи кадрҳои баландихтисос монеа мегардад, зиёда аз ин самтгирии МТ ТИК-ро нисбат ба талаботи бозори меҳнат мураккаб месозад.

Нақшаи маблағгузории дар айни замон амалкунанда, ки асосан аз буҷети давлатӣ сурат мегирад, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва корфармоёнро барои рушди соҳаи МТ ТИК ба таври зарурӣ ҳавасманд намегардонад.

Давлат МТ ТИК-ро пеш аз ҳама бо мақсади амалӣ намудани принсипҳои ройгон ва дастраси умум будани он маблағгузорӣ менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти ибтидоии касбӣ», моддаи 4).

Айни замон таъмини касбии шаҳрвандони бекор аз тарафи хадамоти давлатии шуғли аҳолии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, аз ҳисоби Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ маблағгузорӣ мешавад ва аз нигоҳи маблағгузории босамар рушди сифатиро тақозо менамояд.

Вазифаи асосӣ - такмили механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти соҳаи ТТИК, ташаккули заминаи иқтисодии рушди МТ дар шароити кунунии иқтисодию иҷтимоӣ.

Стратегия: Ташаккули механизми сифатан нави маблағгузории бисёрҷабҳавии соҳа.

Чорабиниҳои асосӣ:

- мунтазам зиёд намудани маблағгузории буҷетии соҳаи ТТИК нисбати ҳаҷми ММД, гузариш ба маблағгузории меъёрӣ;

- фароҳам овардани шароит барои маблағгузории бисёрҷабхавӣ ва ҷалби маблағи донории ташкилотҳои байналмилали ва корфармоён барои рушди соҳаи ТТИК;

- рушди муносибатҳои шартномавӣ байни МТ ва муассисаҳои шакли мухталифи ташкилию ҳукуқӣ, ки барои тавсеаи таҷрибаи тарбияи кадрҳо дар асоси дархости шахсони ҳуқуқӣ, бо пардохти музди таълим нигаронида шудаанд;

- инкишофи фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таълимӣ дар соҳаи муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ;

- ташаккули системаи маркетинги хизматҳои таълимӣ ва талабот ба кадрҳои коргарӣ;

- танзими муносибатҳои молу мулкӣ дар соҳаи ТИК, таҳкими инкишофи ҳаммуассисии МТ;

- таҳкими нерӯи истеҳсолӣ ва хизматрасонии системаи ТИК барои рушди худмаблағгузорӣ.

## 7. Идораи босамари соҳа, таъмин ва назорати сифати истеҳсолот (Карор аз 30.06.07с. № 369)

Вазъи ҷорӣ

Фасеҳӣ, босамарии иқтисодию ташкилии механизми идораи соҳаи ТТИК яке аз омилҳои муайянкунанда мебошад, ки муваффақияти ислоҳотро ва таъмин менамояд.

Механизми дар айни замон мавҷудаи идора иштироки ҷузъҳои байнибахшӣ ва бисёрсатҳӣ, инчунин талаботи бозори меҳнатро дар бар намегирад.

Механизми идораи сифати таҳсилот ва натиҷаҳои ниҳоии он дар муҳити муносибатҳои бозаргонӣ ташаккул ва рушди бетаъхирро тақозо мекунад.

Вазифаи асосӣ - ташаккули системаи босамари таъмини сифати ТТИК, танзими фаъолияти давлатию ҷамъиятии МТ ТТИК дар шароити ғайриммутамарказонӣ ва демократикунонии таҳсилот, васеъ намудани мустақилияти муассисаҳои таълимӣ.

Стратегия - ташаккули механизми босамари таъмини сифати ТТИК.

Чорабиниҳои асосӣ:

- ташаккули механизми мониторинг ва назорати сифати ТТИК;

- таҳияи механизми аккредитатсияи барномаҳои таълимӣ бо додани статусҳои дахлдор;

- бунёди заминаи методии таъмини сифати натиҷаҳои барномаҳои таьлимии аккредитатсияшуда;

- шаклдигаркунии шабакаҳои МТ соҳаи ТИК;

- ташаккули механизмҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллии идоракунии системаи ТТИК ҳамчун сохтори ягона;

- рушди шабакаи МТ шаклҳои гуногуни ташкилию хуқукӣ, дастгирии бахшҳои минтақавӣ, маҳаллӣ ва ғайридавлатии соҳаи ТТИК;

-таҳкими нерӯи ташкилӣ ва кадрии Инспексияи давлатии ТТИК;

таъмини шароит барои ташаккул ва инкишофи назорати давлатию ҷамъиятии идораи соҳаи ТТИК;

- рушди қисмати ҷамъиятии механизми идоракунӣ ва худидоракунии системаи ТТИК.

## 8. Дастгирии иҷтимоию иқтисодии таълимгирандагон ва кормандони соҳа

(Карор аз 30.06.07с. № 369)

Вазъи ҷорӣ

Дастгирии иҷтимоиву иқтисодии соҳаи ТТИК асоси кафолати мавҷудият ва рушди ояндаи соҳа мебошад. Ғамхории давлат ҷиҳати беҳтар намудани шароити ҳаёт ва фаъолияти таълимгирандагон ва кормандони системаи ТТИК сол аз сол аёнтар мегардад.

Агар ба ҳолати 1 январи соли 2006 арзиши миёнаи 1 соати омӯзгори соҳаи ТИК ба 0,63 сомонӣ ва музди меҳнати миёнаи онҳо барои як ставка 49,2 сомониро ташкил диҳад, пас аз 1 апрели ҳамин сол ин нишондиҳандаҳо мутаносибан ба 0,88 сомонӣ ва 68,6 сомонӣ расид, ки ин назар ба соли гузашта 40 фоиз зиёд аст. Ставкаи миёнаи музди меҳнати устоҳои таълими истеҳсолӣ бошад аз 37,17 сомонӣ то 52,0 сомонӣ афзуд. Бояд зикр намуд, ки ин нишондиҳандаҳо аз ҳамин нишондиҳандаҳои соҳаи таҳсилоти миёнаи умумӣ пасттар мебошанд.

Айни замон хайати хонандагони МТ ТИК-ро асосан фарзандони оилаҳои камбизоат ё ятимону бепарасторон ташкил медиҳанд. Давлат барои ин гуна хонандагон хӯроки гарми 3-вақта (дар як рӯз 0,85 сомонӣ) ва ҷойи зистро дар хобгоҳ кафолат медиҳад. Хонандагони боқимонда танҳо бо хӯроки гарми яквақта, ки аз рӯи ҳисобҳои соли 2006 ба 0,186 сомонӣ баробар аст, таъмин карда мешаванд. Ба ҳолати 1 январи соли 2006 ин рақам ба 0,14 сомонӣ баробар буд. Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки хонандагони соҳаи ТИК стипендия намегиранд.

Лекин ба ҳамаи ин рақамҳои тасаллобахши зикргардида нигоҳ накарда, дастгирии иҷтимоиву иқтисодии хонандагону кормандони соҳаи ТИК тақозо менамояд, ки он бояд ҳар чӣ зудтар тахти таҷдиди назар қарор гирад.

Вазифаи асосӣ - ташаккули системаи иҷтимоиву иқтисодии дастгирии таълимгирандагон, хатмкунандагон ва кормандони соҳаи ТТИК.

Стратегия - фароҳам овардани шароит барои ҷозибии соҳаи ТТИК.

Чорабиниҳои асосӣ:

- такмили системаи пардохти музди меҳнати кормандонии соҳаи ТТИК, ташаккули системаи ҳавасмандсозии кормандоне, ки такмили сатҳи маҳорати касбиро таъмин мекунанд;
- такмили кафолатҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳо барои таълимгирандагон ва кормандон, таъмини истироҳат, хизматрасонии тиббӣ ва дигар шаклҳои дастгирии иҷтимоии таълимгирандагон ва кормандони соҳаи ТТИК

- ташаккули системаи мусоидат ба шуғли хатмкунандагони МТ ТТИК;

- таҳия ва татбиқи барномаю лоиҳаҳо оид ба рушди ТҲС, пешгирии нашъамандӣ, СТАҶГ ва Вируси норасоии маснунияти бадан дар миёни хонандагони МТ ТТИК.

**9. Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ**
**(Карор аз 30.06.07с. № 369)**

Вазъи ҷорӣ

Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ имконият медиҳад, ки рушди раванди татбиқи ислоҳот дар асоси мутобиқшавӣ ва ҷорикунии унсурҳои муфиди дигаргунсозии системаи ТТИК, ки дар давлатҳои дигар таҳия шудаанд, ҳарчӣ бештар таъмин карда шавад.

Айни замон танҳо унсурҳои аввалини ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ТТИК ташаккул ёфта истодаанд.

Вазифаҳои асосӣ:

- сабақомӯзӣ, истифодаи таҷрибаи мусбат ва инкишофи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҷалби ҷомеаи байналмилалӣ ба ҷараёни ислоҳот ва рушди соҳаи ТТИК-и Тоҷикистон;

- ворид шудани мактаби ибтидоии касбӣ ба фазои байналмилалии таҳсилотӣ ва бозори байналмилалии хизматрасонии таҳсилотӣ.

Стратегия - фароҳам овардани шароит барои таъмини дастрасӣ ва ҳамгироии соҳаи ТТИК-и Тоҷикистон бо соҳаҳои ТТИК-и минтақавӣ ва байналмилалӣ.

Чорабиниҳои асосӣ:

- фароҳам овардани шароит барои омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи мусбати байналмилалӣ, ҷалби ҷомеаи байналмилалӣ ба раванди ислоҳот ва инкишофи соҳаи ТТИК;

- дастгирии равандҳои интегратсионӣ дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар давлатҳои Евразия ва иштирок дар ташаккули фазои ягонаи таҳсилот;

- ташаккул ва инкишофи механизми тарбияи шаҳрвандони хориҷӣ дар МТ соҳаи ТТИК-и Тоҷикистон.

**10. Заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии рушди соҳа**
**(Карор аз 30.06.07с. № 369)**

Вазъи ҷорӣ:

Заминаи босамар ва ягонаи қонунгузорӣ ва меъёрии хуқуқии ислоҳот яке аз кафолатҳои муҳими татбиқи бомуваффақияти он мебошад.

Ҳолати кунунии заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқукии система дар маҷмӯъ инъикоси шаффофи вазъи тамоми система мебошад. Айни замон қонунҳои соҳавӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки 14 апрели соли 2004 дар таҳрири нав қабул шудааст ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти ибтидоии касбӣ» мебошанд.

Ислоҳоти куллии соҳаи ТТИК бояд дорои заминаи сифатан нави қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии худ бошад.

Вазифаи асосӣ - бунёди фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ барои рушди соҳаи ТТИК дар шароити нави иҷтимоиву иқтисодӣ.

Стартегия - ташаккули фазои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқие, ки рушди самараноки соҳаи ТТИК-ро таъмин намояд.

Чорабиниҳои асосӣ

- ташаккул ва инкишофи системаи ягонаи заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии соҳаи ТТИК;

- таҳияи қонуни ҳамгироишуда дар бораи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ.

III. Механизми татбиқи НМФ ва таъминоти молиявии он

Барои ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги чараёни татбиқи НМФ дар назди мақомоти давлатии идораи соҳаи ТТИК Шӯрои миллии (ШМ) ТТИК ташкил карда мешавад, ки ба ҳайати он намояндагони мақомоти манфиатдори идораи давлатӣ, корфармоён ва иттифоқҳои касаба ворид мешаванд. Низомнома ва ҳайати Шӯрои онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Иттиҳодияи ҷумҳуриявии корфармоён ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон тасдиқ менамояд. ШМ дар ду сол як маротиба ва баъди сипарӣ шудани ҳар як панҷсолаи татбиқи НМФ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни татбиқи НМФ гузориш пешниҳод менамояд.

Таъминоти молиявии ҷараёни татбиқи НМФ аз ҳисоби маблағгузории буҷетии давлатӣ, маблағи худи соҳаи ТТИК, ки дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ ва хизматрасонии субъектҳои он ба даст омадаанд, маблағҳои кордиҳандагон - истеъмолкунандагони кадрҳои коргар, маблағҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва хориҷии донорӣ ва дигар манбаҳои хайриявӣ амалӣ карда мешавад.

Маблағгузории буҷетии ҳамасолаи НМФ, ки инкишофи ҳарсоларо нисбати ММД дорад, бо назардошти чорабиниҳои НМФ ва имкониятҳои Буҷети давлатӣ дар асоси дархости мақомоти давлатии идораи соҳаи ТТИК дар мувофиқа бо ШМ ТТИҚ амалӣ гардонида мешавад. Маблағҳои Буҷети давлатӣ, ки дар натиҷаи таҷдиди сохтори шабакаи соҳа ва муносибгардонии ташкили ҷараёни таълим сарфа мегарданд, инчунин маблағҳои хусусии соҳаи ТТИК, ки дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ ва хизматрасонии субъектҳои он ба даст меоянд, низ пурра барои маблағгузории чорабиниҳои НМФ равона мегарданд.

Ҷалби маблағҳои корфармоён ва дигар манбаъҳои хайриявӣ бо роҳи бастани шарномаҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои ҷалби маблағҳои инвеститсионӣ ва донориро низ барои татбиқи НМФ истифода мебарад. Ҷалби маблағҳои инвеститсионию донории ташкилотҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ барои татбиқи НМФ аз тарафи Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти давлатии идораи системаи ТТИК дар заминаи лоиҳа ва барномаҳои мушаххас амалӣ гардонида мешавад.

### IV. Нақшаи чорабиниҳои асосӣ

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|
| **1** | **Мундариҷаи таҳсилот ва ташкили раванди таълим** | | |
| 1.1 | Гузаронидани тадқиқоти талаботи сифатии бозори меҳнат ба кадрҳои коргарӣ | Мунтазам дар 2 сол 1 маротиба | ВМҲИА |
| 1.2 | Таҳияи стандартҳои касбӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои касб ва ихтисосҳои коргарӣ | 2006-2010 | ВМҲИА, ВС, ВК, ВЭВН, ВА, КДСМ, ИЧК |
| 1.3 | Ташаккул ва татбиқи механизми МТ такягоҳии ТТИК аз рӯи касбу ихтисосҳои коргарӣ | 2006-2008 | ВМҲИА |
| 1.4 | Ташаккули сохтори тахассусии миллии соҳаи ТТИК | 2007-2009 | ВМҲИА |
| 1.5 | Таҳияи НТТЯ аз рӯи ҳар як самти касбҳои Стандарти давлатии таълимии ТИК | 2006-2010 | ВМҲИА |
| 1.6 | Таҳияи нақшаю барномаҳои таълимии нав мутобиқи стандартҳои касбӣ (ҷалби мутахассисон) | 2006-2010 | ВМҲИА |
| 1.7 | Тахия ва татбики механизми татбики озмоишии стандарт хои таълими ва касбии ТТИК | 2006-2010 | ВМҲИА |
| 1.8 | Таҳияи Стандарти нави давлатии тахсилотии ТИК | 2009 | ВМҲИА |
| 1.9 | Таҳия ва татбиқи механизми иштироки корфармоён дар та шаккули мундариҷаи таҳсилот (ташкили вохуриҳои гуногун, таҳия ва нашри буклетҳо) | 2007-2015 | ВМҲИА, ИЧК, ФИКТ |
| 1.10 | Ҷорӣ намудани технология ва усулҳои нави таълим | мунтазам | ВМҲИА |
| 1.11 | Тавсеаи мустақилияти муассисаҳои таълимӣ дар ташаккули мундариҷаи таҳсилот | 2007-2010 | ВМҲИА |
| 1.12 | Такмил ва таҳкими системаи раҳнамоии касбии ҷавонон ва калонсолон (таҳия ва нашри маводи таблиғотӣ) | 2006-2010 | ВМҲИА, ВМ |
| 1.13 | Рушди муҳити тарбиявӣ, таъмини тағйирпазирии системаҳои тарбия (ҷалби мутахассисон, ташкили озмунҳо) | 2006-2010 | ВМҲИА, ВМ |
| 1.14 | Таҳия ва татбиқи механизми назорати оқилонаи ташкили раванди таълим | дар тули тамоми давра | ВМҲИА |
| 1.15 | Ташкил ва таҳкими шӯъбаҳои мустакил оид ба ТТИК дар сохторҳои минтақавии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2007-2008 | ВМҲИА |
| 1.16 | Таҳкими неруи ташкилӣ ва кадрии Инспексияи давлатии ТТИК | 2008-2010 | ВМҲИА |
| 1.17 | Дастгирии фаъолияти назорат ва идораи давлатию ҷамъиятии раванди таълим | дар тӯли тамоми давра | ВМҲИА |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | (ташкили озмунҳо ва вохуриҳо) | | |
| 1.18 | Ташкили фонди миллии автоматикунонидашудаи стандартҳои таҳсилоти ТИК, таъмини таълимию методии татбиқи онҳо (ҷалби мутахассисон) | 2008-2010 | ВМҲИА |
| 1.19 | Такмили мазмун, шакл ва усулҳои таълими истеҳсолӣ ва таҷрибаи истеҳсолии хонандагони МТ ТИК | 2006-2010 | ВМҲИА |
| 1.20 | Ташаккули системаи маҷмуавии арзёбии сифати тайёрии касбии хатмкунандагони МТ ТТИК (ҷалби мутахассисон, ташкили семинархо ва вохурихо, нашри мавод) | 2006-2010 | ВМҲИА, ИЧК, ФИКТ |
| 1.21 | Таҳияи тестҳо барои гузаронидани аттестатсияи ҷамъиятии давлатии хатмкунандагон, ташкили хазинаи маълумотии тестҳо (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо ва вохуриҳо) | 2006-2010 | ВМҲИА, ИЧК, ФИКТ |
| 1.22 | Тахияи механизм оид ба ташкили экстернат дар системаи ТИК | 2007 | ВМҲИА |
| 1.23 | Ташаккули рушди барномавии таҳсилоти фосилавӣ (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо ва вохӯриҳо) | 2011-2015 | ВМҲИА |
| 1.24 | Таҳияи маводи методӣ оид ба истифодаи технологияҳои модулии ба шахс нигаронидашуда, технологияи иттилооти ва дигар усулхои фаъоли таълим (чалби мутахассисон, ташкили семинарҳо, вохуриҳо ва озмунҳо) | дар тули тамоми давра | ВМҲИА |
| 1.25 | Ташаккул ва татбиқи барномаи инкишофи тарбия дар соҳаи ТТИК (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо, вохуриҳо ва озмунҳо) | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 1.26 | Таъминоти ташкилию методии фаъолияти МТ ТИК ҳангоми ҷорӣ намудани имтиҳони ягонаи давлатӣ (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо, вохуриҳо ва нашри мавод) | 2007-2009 | ВМҲИА |
| 1.27 | Таҳияи модели ташаккули мундариҷаи таҳсилот ва ташкили раванди таълим ҳангоми тарбияи кадрҳои коргарӣ барои кор дар касбҳои махсусан душвори истеҳсолоти илмталаб (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо ва вохуриҳо) | 2007-2009 | ВМҲИА |
| **2** | **Сохтори касбию тахассусии тарбияи кадрҳои коргарӣ** | | |
| 2.1 | Гузаронидани тадқиқоти талаботи сохтории бозори меҳнат | мунтазам дар 2 сол 1 маротиба | ВМҲИА, ИЧК |
| 2.2 | Таҳлили системаи ҷойгирнамоии тарбияи кадрҳои коргарии тахассуснок дар ҳудудҳои маъмурӣ ва соҳавӣ (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо ва вохуриҳо) | 2008 | ВМҲИА, ВИС |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2.3 | Ташаккул ва татбиқи механизми пешгуйии талабот ба кадрҳои коргарии тахассусноки сохахои гуногун (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо ва вохуриҳо) | 2008,2011 | ВМҲИА, ВИС |
| 2.4 | Ташаккули рақамҳои назоратии қабул ба МТ ТИК бо дарназардошти дурнамои талабот ба кадрҳои коргарии тахассуснок | 2008,2011 | ВМҲИА, ВИС |
| 2.5 | Таҳияи механизми мувофиқгардонии ҳаҷм ва сохтори соҳавии тайёр кардани кадрҳои коргарии тахассуснок бо ҳаҷм ва сохтори тарбияи кадрҳои сатҳҳои дигар (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо ва вохуриҳо) | 2008 | ВМҲИА,ВМ, ВИС |
| 2.6 | Таъминоти ташкилию методии ба низом даровардани шабакаи МТ ТИК-и шаклҳои гуногуни ташкилию хуқуқӣ | 2009 | ВМҲИА |
| 2.7 | Таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба таъмини дастгирӣ ва рушди МТ ТТИК-и минтақавӣ ва маҳалии навтаъсир | 2008-2015 | ВМҲИА, ВИС |
| 2.8 | Таҳияи тартиби ташаккул ва инкишофи МТ ТИК-и бисёрсоҳа ва бисёрчабҳа | 2009 | ВМҲИА |
| 2.9 | Дастгирии бахши ғайридавлатии соҳаи ТТИК (ташкили семинарҳо, вохуриҳо ва озмунҳо) | 2011-2015 | ВМҲИА |
| 2.10 | Дастгирии рушди литсейҳои касбӣ ҳамчун муассисаҳои инноватсионӣ ва бисёрсатҳии тахсилоти ибтидои ва миёнаи касби | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 2.11 | Таҷдиди сохтори шабакаи муассисаҳои таълимии ТИК бо дарназардошти тамоюлҳои рушди минтақаҳо, ташаккули маҷмуаҳои таҳсилотии минтақавӣ | 2009-2015 | ВМҲИА |
| 2.12 | Таъмини инкишофи маҷмуаҳои таълимию истеҳсолӣ | 2008-2015 | ВМҲИА |
| **3** | **Асосҳои таълимию методӣ ва илмии рушди соҳа** | | |
| 3.1 | Тахкими ташкили ва кадрии Маркази хизмати илмию методии ТТИК | 2007-2009 | ВМҲИА |
| 3.2 | Таҳия ва татбиқи барномаи давлатии максадноки нашри китоб барои ТИК | 2009 | ВМҲИА, ВФ |
| 3.3 | Таҳияи насли нави китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, методӣ ва воситаҳои таълим (ҷалби мутахассисон, ташкили вохуриҳо ва нашри мавод) | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 3.4 | Таҳияи самтҳои афзалиятноки тадқиқот-ҳои илмӣ дар соҳаи ТИК (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо ва вохӯриҳо) | 2007-2008 | ВМҲИА |
| 3.5 | Таҳкими корҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи ТТИК | 2006-2015 | ВМҲИА |
| 3.6 | Оянданбинии самтхои асосии рушди системаи ТТИК | 2007-2008 | ВМҲИА |
| 3.7 | Инкишофи корҳои илмию тадқиқотӣ, | 2008-2015 | ВМҲИА |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | навоварона ва дигар фаъолияти эҷодии омӯзгорон ва хонандагони МТ ТИК | | |
| 3.8 | Таҳкими методологияи таҳияи СДТ ТИК | 2010 | ВМҲИА |
| 3.9 | Таҳияи методологияи арзёбии сифати таҳсилот ва самаранокии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, таҳияи тестҳои назорати сифати ТИК ва таъминоти методии дахлдор | 2007-2011 | ВМҲИА |
| 3.10 | Тадқиқот дар соҳаи технологияҳои педагогие, ки татбиқи босамари барномаҳои намудҳои гуногуни ТИК-ро дар доираи стандарт ва бо параметрҳои додашудаи сифат таъмин мекунанд | 2007-2015 | ВМҲИА, ВМ |
| 3.11 | Ташкили майдончаҳои озмоишӣ дар заминаи МТ ТИК барои фаъолияти озмоиши дар соҳаи ТТИК | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 3.12 | Гузаронидани конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ оид ба мавзӯҳои мубрами тадқиқотхои илмӣ дар соҳаи ТТИК | 2008-2010 | ВМҲИА |
| 3.13 | Ташкил ва азнавсозии заминаи иттилоотии натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ ва фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи ТТИК: нашри маҷмӯаҳо; ташкили махзани маълумоти автоматиконидашуда; ташкили сайт дар Интернет | 2008-2010 | ВМҲИА |
| 3.14 | Ташкили филиалҳои Маркази илмию методии ТТИК | 2008-2015 | ВМҲИА |
| 3.15 | Тахия ва татбиқи барномаи байнисоҳа-вии таъмини илмии инкишофи ТТИК | 2008-2015 | ВМҲИА |
| 3.16 | Ташкили тадқиқоти сотсиологӣ оид ба масъалаҳои рӯзмарраи фаъолият ва рушди системаи ТТИК | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 3.17 | Гузаронидани озмунҳо оид ба баҳодиҳӣ, интихоб, нашри китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ барои соҳаи ТТИК | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 3.18 | Чорабинӣ оид ба таҳким ва рушди китобхонаҳо дар МТ ТИК, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои компютерӣ | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 3.19 | Ташкили кор оид ба инкишофи шаклҳои гуногуни фаъолияти берун аз таълим (конференсияҳо, олимпиадаҳо, азназар-гузрониҳо, клубҳо, студияҳо, бюрои конструктории донишҷӯён ва ғайра) | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 3.20 | Ташкили марказҳои захиравӣ дар соҳаи ТТИК | 2008-2015 | ВМҲИА |
| 3.21 | Нашри мачмуаи маводи мето дии сохаи ТТИК | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 3.22 | Ташкил ва таъмини фаъолияти мачаллаи илмию методии со хаи ТТИК | 2008-2015 | ВМҲИА |
| **4.** | **Заминаи моддию техникӣ ва таълимию истеҳсолии рушди соҳаи ТТИК** | | |
| 4.1 | Амалигардонии инвентаризатсияи пурра | 2006-2007 | ВМҲИА |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ва баҳодиҳии бо сифати ҳолати кунунии бино ва иншоот, техникаи таълимӣ ва таҷҳизоти системаи ТТИК | | |
| 4.2 | Таъмири бомҳои маҷмуаҳои биноҳо ва иншооти системаи ТТИК | 2006-2015 | ВМҲИА |
| 4.3 | Таъмири асосии маҷмуаҳои биноҳо ва иншооти системаи ТТИК | 2006-2015 | ВМҲИА |
| 4.4 | Таъмири асосии техника ва таҷҳизоти таълимӣ | 2006-2015 | ВМҲИА |
| 4.5 | Харидори намудани техника ва таҷҳизоти таълимӣ, техникаи компютерӣ | 2006-2015 | ВМҲИА |
| 4.6 | Таъмини рушди маҷмуаҳои таълимию истеҳсолӣ. Озмоиши шаклҳои гуногуни ҳамгироии МТ ТИК бо истеҳсолот | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 4.7 | Ташкил ва таҳкими заминаи истеҳсолии Маркази конструктории истеҳсолӣ оид ба истеҳсоли техникаи таълимӣ ва таҷҳизот барои соҳаи ТТИК | 2008-2009 | ВМҲИА |
| **5** | **Таъминоти кадрии рушди сохаи ТТИК** | | |
| 5.1 | Мониторинги таъмини кадрии МТ ТИК. Мониторинги системаи тарбия ва бозомӯзии кадрҳо барои ТИК | 2006-2007 | ВМҲИА |
| 5.2 | Ташаккул ва рушди системаи тарбия, бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ | 2007-2015 | ВМҲИА, ВМ |
| 5.3 | Мунтазам гузаронидани аттес-татсияи роҳбарон ва кормандони муҳандисию педагогии МТ ТИК | 2006-2015 | ВМҲИА |
| 5.4 | Таъсис ва татбиқи механизми ташаккули захираи кадрҳои роҳбарикунандаи МТ ТИК | 2006-2015 | ВМҲИА |
| 5.5 | Тарбияи кадрҳои дорои тахассуси олии илмӣ барои соҳаи ТТИК | 2007-2015 | ВМҲИА, ВМ |
| 5.6 | Манзур доштани пешниҳодот барои бунёди механизми нисбатан босамари тайёр намудани кадрҳои муҳандисию педагогӣ | 2007 | ВМҲИА |
| 5.7 | Ташкили тренингхои гуногун барои ҳайати муҳандисию педагогии соҳаи ТТИК | мунтазам | ВМҲИА |
| **6** | **Инкишофи муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ ва шарикии иҷтимоӣ** | | |
| 6.1 | Таҳияи меъёрҳои нави маблағгузории МТ ТИК | 2006-2007 | ВМҲИА, ВМО |
| 6.2 | Таҳия ва татбиқи механизми маблағгузории меъёрии МТ ТИК | 2008-2015 | ВМҲИА, ВМО |
| 6.3 | Таҳия ва татбиқи механизми ҳаммуас-сисии МТ ТИК. Таҳияи тавсияхо оид ба ташаккули шартномахо дар бораи таъсиси якчояи МТ ТИК | 2011-2015 | ВМҲИА |
| 6.4 | Таҳия ва татбиқи тавсияҳо оид ба инкишофи фаъолияти ғайрибуҷетии МТ ТИК | 2007-2008 | ВМҲИА |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 6.5 | Таҳия ва татбиқи барномаи инкишофи фаъолияти истеҳсолии МТ ТИК | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 6.6 | Таъмини ташкилию методии таъсиси сохторҳои маркетингӣ оид ба омӯзиши бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва бозори меҳнат дар соҳаи ТИК | 2008-2010 | ВМҲИА |
| 6.7 | Таҳияи шиносномаи техникию иқтисодии МТ ТИК. Гузаронидани шиносномакунии МТ ТИК | 2008, 2012 | ВМҲИА |
| 6.8 | Татбиқи барномаҳои маҳаллии рушди МТ ТИК | 2007-2015 | МИМХД, ВМҲИА |
| 6.9 | Бастани шартномаҳо оид ба ҳамкории байни субъектҳои шарикии иҷтимоӣ | 2007-2015 | ВМҲИА,ИЧК,ФИКТ |
| 6.10 | Ташаккули механизми шарикии иҷтимоӣ дар қисмати аз нав дида баромадани феҳристи касбҳо ва сохтори соҳавии тарбияи кадрҳои коргарӣ дар МТ ТИК | 2007-2008 | ВМҲИА,ИЧК,ФИКТ |
| 6.11 | Таҳия ва ҷорӣ намудани тавсияҳо оид ба ташкили ҳамкории субъектҳои шарикии иҷ тимоӣ дар арзёбии сифати тарбияи кадрҳои коргарӣ ва ҳуҷҷатҳои таълимию барномавӣ ҳангоми арзёбии маҷмуии фаъолияти муассисаҳои тахсилотӣ | 2008-2015 | ВМҲИА,ФИКТ, ИЧК |
| 6.12 | Таъмини ташкилию методии бунёд ва фаъолияти шуроҳои сарпарастии МТТИК (ташкили семинарҳо ва вохӯриҳо) | 2008 | ВМҲИА, ИЧК |
| 6.13 | Муайян намудан ва татбиқи шаклҳои босамари ташкили таҷрибаи истеҳсолӣ. Таҳияи тавсияҳо. Ташкили семинарҳо ва вохӯриҳо | 2008-2015 | ВМҲИА, ИЧК |
| 6.14 | Тахияи чорабинихо оид ба ташаккул ва рушди институти сарпарастии МТ ТИК | 2008 | ВМҲИА, ИЧК |
| 6.15 | Таъсис ва рушди марказҳои раҳнамоии касбии ТИК | 2008-2010 | ВМҲИА, ИЧК |
| 6.16 | Мусоидат ба инкишофи системаи бо кор таъминкунии хатм кунандагони МТ ТИК (ташкили семинарҳо ва вохӯриҳо) | 2009-2010 | ВМҲИА |
| 6.17 | Коркарди механизми хавасманд-гардонии корфармоён оид ба иштироки онҳо дар таъмини фаъолияти соҳаи ТТИК | 2010 | ВМҲИА |
| **7** | **Идораи босамари соха, таъмин ва назорати сифати таълим** | | |
| 7.1 | Таҳлили сохтори системаи идораи ТТИК, муайян намудан ва татбиқи шаклҳои босамари идора (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо ва вохӯриҳо) | 2007-2008 | ВМҲИА |
| 7.2 | Тахияи Сохтори миллии таъми ни сифат барои таъмини боса мари идораи соха ва сифати фаъолияти ТТИК (чалби мутахассисон, ташкили семинархо ва вохурихо) | 2008-2009 | ВМҲИА |
| 7.3 | Таъмини рушди мустакилияти МТ ТИК дар фаъолияти таъли ми ва хочагидори | 2008-2015 | ВМҲИА |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 7.4 \| | Тахияи пешниходот оид ба рушди худидоракунии МТ, так мили шаклҳои он, аз ҷумла худидоракунии хонандагон | 2009 | ВМҲИА |
| 7.5 | Гузаронидани семинар-машва ратҳои роҳбарони МТ ТИК оид ба худидоракунӣ | 2008-2009 | ВМҲИА |
| \|7.6 | Таҳияи пешниҳодот оид ба оптимизатсияи сохтори соҳавӣ ва минтақавии идораи МТ ТИК | 2012 | ВМҲИА |
| 7.7 | Таъминоти ташкилию методии коркарди барномаҳои дастгирӣ ва рушди минтақавӣ ва соҳавии ТИК. Таҳлил ва ҳамохангсозии иҷрои барномаҳо | 2012-2015 | ВМҲИА, МИМХД |
| 7.8 | Таҳияи пешниҳодот оид ба такмили механизм ва таъмини ташкилию методии иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии МТ ТИК | 2008 | ВМҲИА |
| 7.9 | Таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба рушди ТИК мусоидат мекунанд, васеъ намудани таҷрибаи иштироки онҳо дар фаъолияти мақомоти идораи ТИК | 2008-2012 | ВМҲИА, ИЧК |
| 7.10 | Таъмини ташкилии фаъолияти ШМ ТТИК | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 7.11 | Ташаккул додани махзани маълумот дар бораи МТ ТИК | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 7.12 | Ташкили инъикоси мунтазами фаъолияти сохаи ТТИК тавва сути воситахои ахбори умум | мунтазам | КТР, ВМҲИА |
| 7.13 | Дастгирии фаъолияти шуроҳои минтақавии директорони МТ ТИК | мунтазам | ВМҲИА |
| 7.14 | Тарбияи кадрҳо оид ба назорат ва таъмини сифати ТТИК | 2007-2008 | ВМҲИА |
| 7.15 | Таҳияи меъёрҳо, индикаторҳо ва пешниҳодоти методӣ оид ба назорат ва таъмини сифати ТТИК | 2007-2010 | ВМҲИА |
| 7.16 | Таъсиси шуъба оид ба назорат ва таъмини сифат дар ҳар як | 2008-2010 | МТ ТИК ВМҲИА |
| **8** | **Дастгирии ичтимоию иктисодии таълимгирандагон ва кормандони соха** | | |
| 8.1 | Таҳия ва татбиқи системаи тадбирҳо оид ба беҳтар намудани шароити меҳнати кор мандон ва таълими хонандагони МТ ТИК | 2010 | ВМҲИА |
| 8.2 | Таҳияи пешниҳодот оид ба такмили таъминоти иҷтимоию фарҳангии хонандагон ва кормандони МТ ТИК, корҳои беҳдошти саломатӣ | 2010 | ВМҲИА |
| 8.3 | Таҳияи пешниҳодот оид ба таъсиси хадамоти мусоидат ба шуғли хонандагон ва бо кор таъминкунии хатмкунан дагон дар МТ ТИК | 2009 | ВМҲИА |
| 8.4 | Таҳияи пешниҳодот дар бораи танзими давлатӣ дар қисмати бо кор таъминкунии хатмкунандагони МТ ТИК | 2009 | ВМҲИА |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 8.5 | Таҳия ва татбиқи барнома ва лоиҳаҳо оид ба рушди соҳибкорӣ байни хонандагони МТ ТИК | 2006-2015 | ВМҲИА |
| 8.6 | Таҳия ва татбиқи барнома ва лоиҳаҳо оид ба рушди ТХС, пешгирии нашъаман-дӣ, СТАЧГ ва Вируси норасоии маснуияти бадан дар байни хонандагони МТ ТИК | 2006-2015 | ВМҲИА |
| **9** | **Хамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ** | | |
| \|9.1 | Такмили механизми ностри фикатсияи хуҷҷатҳо дар бораи ТИК, васеъ намудани соҳаи ҳамэътирофии ҳуҷҷатҳо | мунтазам | ВМҲИА |
| 9.2 | Иштирок дар чорабиниҳо оид ба ташаккули фазои ягонаи таълимӣ дар доираи созмонҳои байнидавлатӣ | мунтазам | ВМҲИА |
| 9.3 | Ташаккул ва татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ ва барномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи ТТИК | мунтазам | ВМҲИА |
| 9.4 | Ташкили таҷрибаомӯзии кормандони соҳаи ТТИК дар мам лакатҳо - шарикони хориҷӣ | 2006-2015 | ВМҲИА |
| 9.5 | Таҳияи тадбирҳо оид ба васеъ намудани тайёрӣ ва бозомӯзии касбии мутахассисон аз ҳисоби шаҳрвандони хориҷӣ дар соҳаи ТТИК | 2014 | ВМҲИА |
| 9.6 | Ташкили таъмини таълимию методии омӯзиши шаҳрвандони хориҷӣ дар соҳаи ТТИК | 2015 | ВМҲИА |
| 9.7 | Муайян намудани муассисаҳои таълимии заминавӣ барои амалӣ намудани самтҳои гуногуни ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ТИК | 2015 | ВМҲИА |
| 9.8 | Гузаронидани таҳлили муқоисавии системаҳои таълимии давлатҳои гуногун, ҷамъбасти мавод ва таҳияи пешниҳодот оид ба истифодаи таҷ рибаи байналмила-лӣ дар такмил додани соҳаи ТТИК | мунтазам | ВМҲИА |
| 9.9 | Рушди амалияи бастани шарт номаҳо аз ҷониби МТ ТИК бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ | мунтазам | ВМҲИА |
| 9.10 | Иштирок дар конференсияҳо, симпозиумҳо, семинарҳо, намоишҳо ва дигар чорабиниҳои байналмилалӣ | мунтазам | ВМҲИА |
| 9.11 | Ташкил намудани махзани иттилоотӣ дар бораи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ТИК | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 9.12 | Таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ТТИК | 2008-2015 | ВМҲИА |
| **10** | **Рушди заминаи конунгузори ва меъёрии хукукии соха** | | |
| 10.1 | Таъминоти меъёрии ҳуқуқии тамоми самтҳои фаъолияти соҳаи ТТИК | 2007-2015 | ВМҲИА |
| 10.2 | Таъмини муттасилии иҷрои барномаҳои таълимии касбии сатҳҳои гуногун | мунтазам | ВМҲИА |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10.3 | Таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқи оид ба таъмини таҳсилоти пешрав дар соҳаи ТТИК | 2009-2015 | ВМҲИА |
| 10.4 | Нашри маҷмуаҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ТТИК | 2007-2015 | ВМҲИА |